136613

САМАД ҒАНИ

МАВҶИ ШӮХ



Ғафзона
Китобӣ
Ғафзона

НАШРИЁТИ
„ИРФОН“
ДУШАНБЕ
1966

– Дил... Кас...
...ки Давлатии ТССР
136613
Тоҷикӣ
7 19

7—33
15—65

«Мавҷи шӯх» китобчаест, ки хонандаро бо латифаҳои рангини нав, зарбулмасалу мақолҳои обдор ва суханони ҳикматнок шинос намуда, ба вай ғизои рӯҳию маънавӣ мебахшад.

Самад Гани

ВЕСЁЛАЯ ВОЛНА

(на таджикском языке)

Муҳаррир *З. Воҳидов*
Рассом *С. Вишнепольский*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королева*
Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳ *Л. Пинҳосова*

Ба матбаа 1/XII-1965 супурда шуд. Ба чопаш 25/II-1966 имзо карда шуд. Коғази № 1, формат 60×90¹/₃₂. Ҷузъи чопӣ 2,75. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 1,83. Адади нашр 7000. Нархаш 6 тин. КЛ 02571. Супориши № 4337.

Душанбе, Нашриёти «Ирфон», кӯчаи Шевченко, 10. Комбинати полиграфии Комитети матбуоти назди Совети Вазирони ҶСС Тоҷикистон

ЛАТИФАХО



Қисми дуйӯм

Шоиртароше шеъреро бардошта ба идораи рӯзнома овард, то ки онро чоп кунанд. Муҳаррир шеърро хонда гуфт:

— Ба ман қисми дуйӯми шеър форид. Агар қисми якӯмашро ҳам аз ягон ҷой мекӯчондед, он вақт ҳамаи шеър маъқул мешуд.

Дидоратро нанамо

Ба як бадмаст роҳбари идора гуфта буд, ки «агар маст бошӣ, дидоратро ба ман нанамо!»

Вай як моҳ барин ба кор наомад. Роҳбар ӯро қасос кард:

— Барои чӣ як моҳ ба кор набаромадӣ?

— Чӣ тавр бароям, хӯҷаин. Худатон гуфта будед, ки «маст бошӣ, дидоратро ба ман нанамо!».

Ба умеди фаҳмидан

— Шеъри маро хондед?

— Ҳа, дувоздаҳ бор.

— Маъқул шудааст, ки дувоздаҳ бор хондаед?

— Не, ба умеди ягон чиз фаҳмидан хондам.

„Хастагиамро барорам“

— Ҳой мардак, хезед, пешин шуд! — хитоб кард зан ба шавҳараш.

— Уфф... баданам зирқ-зирқ дард карда истодааст: шаби дароз дар хобам каланд задаам. Мон, ки рӯзона хоб карда, хастагиамро барорам.

„Дидори муборакашро ҳам бинам“

Афандӣ ба идораи телевизор омада илтимос кард:

— Фалон ҳофизро бо телевизор як нишон медодед.

— Чӣ, овози ӯ ба шумо маъқул шуд?

— Не, овози хунуки ӯро ҳар гоҳо аз радио мешунавам. Мехоҳам, ки дидори муборакашро ҳам як бор бинам.

Сафедпӯш

Майзадае тамоми аъзои баданашро бо докаи сафед баста, бо асои бағалӣ аз беморхона баромад. Шахсе ба ӯ гуфт:

— Кайфулло, ба хайр, сафед пӯшидед?

— Сафед нӯшида, сафедпӯш шудем, ҷӯра.

„Забон як кардед“

Як мудири анбор, ки ба ҳаромхӯрӣ одат карда буд, ба назди духтур омада арз кард:

— Беҳад фарбеҳ шуда, нафасгириам торафт душвор шуда истодааст.

— Гӯшту равғанро камтар хӯред, ки умратон 10—15 сол кӯтоҳ мешавад,—гуфт духтур.

— Чӣ, шумо ҳам бо прокурор забон як кардед?

„Дур рафта наметавонам“

— Ҳавохон, мактаби олиро тамом кардед. Акнун шуморо ба райони кӯҳӣ ба кор мефиристонем, — гуфтанд ба студенте дар институт.

— Наметавонам, профессор.

— Барои чӣ?

— Худатон доим мегуфтед, ки бо ин донишам дур рафта наметавонам.

Мактабхон

Бачаи хурдсоли мактабхон аз кӯча гузашта мерафт. Фаррош аз замин нимсӯхтаи папироси «Казбек»-ро бардошта ба ӯ хитоб кард:

— Ҳой бача, ин нимсӯхтаро ту партофтӣ?

— Не, бобо, вай азони ман не, ман фақат «Беломорканал» мекашам.

Рӯз дар миён

— Роҳатхон, чаро як рӯз либоси тоза мепӯшиву як рӯз чиркин?

— Чунки модарам рӯз дар миён кор мекунад.

Кӣ мешавӣ?

Падар писари худро итоб кард:

— Як кор фармоям, доимо бақияи пулро гардонда намедиҳӣ! Падарлаънат, калон шавӣ кӣ мешавӣ?

— Монанди шумо магазинчӣ мешавам!

Фоидаи тӯмор

Як мулло ба муллои дигар гуфт:

— Ҷаноби домулло, одамҳо шикоят мекунанд, ки тӯморҳоятон ҳеҷ фоида надорад!

— Шаккокӣ накунед, тақсир. Ҳамаи ин ҳавливу ҳарам ва ризқу рӯзии мо аз фоидаи ҳамин тӯмор-ку!

Ҳисоби зани Афандӣ

Афандӣ зан гирифт. Баъд аз се моҳи зандориаш фарзанде ба дуньё омад. Афандӣ ҳайрон шуда, аз занаш сабаб пурсид. Занаш гуфт:

— Дар ин ҷо ҳеҷ ҷои тааҷҷубе нест: се моҳ шуд, ки ман ба шумо расидам, аз он рӯзе ки шумо маро ба занӣ гирифтед, се моҳ пур шуд. Мо ҳар ду се моҳ зиндагӣ кардем, ки ҷамъ расо нӯҳ моҳ мешавад. Боз барои чӣ тааҷҷуб мекунед?

„Мабодо ба гулӯят дарнамонад“

Афандӣ як рӯз ба хона омад, ки занаш ба чашмаш айнак монда, чок медӯзад.

— Барои чӣ ба чашмат айнак мондӣ? — пурсид Афандӣ.

— Барои он ки айнак ҳар чизро калон карда нишон медиҳад.

— Ин тавр бошад, дар вақти хӯрок ба чашмат айнак накун, ки хӯрок калон намуда, ба гулӯят дарнамонад!

Ҳарфи „Р“

Шахсе ҳарфи «Р»-ро талаффуз карда натавониста, «Л» мегуфт. Ҷӯраҳояш шӯхикунон аз вай пурсиданд:

— Канӣ, «рӯбоҳ» гӯй!

— Ҳа, лубоҳ гӯям машхала мекунед, беҳталаш ҳамин, ки ҷонвали думдалоз мегӯям, ки ҳалфи «Л» надолад.

„Агар бетамиз намебудам“...

Афандӣ ба ҳузури подшоҳ омаду рафт дошт ва бо ӯ ҳазлу мутойиба мекард.

Рӯзе бо подшоҳ ба сафар баромада, беиҷозат ба тахте, ки дар болои фил гузошта шуда буд, баромада дар паҳлуи подшоҳ нишаст.

Подшоҳ аз ин беадабии Афандӣ хашмгин шуда, ӯро сарзаниш кард:

— Афандӣ, тоза ҳам бетамиз будаед-ку!

Афандӣ дарҳол ҷавоб гардонд:

— Бале тақсир, агар бетамиз намебудам, бо ҷанобашон ҳамнишин намешудам.

Таксарӣ

Афандӣ ба хонаи махдуми хасисе меҳмон шуд. Соҳиби хона дар назди Афандӣ ҳатто дастурхон накушод ва нону чой ҳам набаровард. Афандӣ бо шиками гурусна ба ҷои хоб даромад, вале ҳеҷ хобаш набурда печ задан гирифт. Ниҳоят тоқат карда натавониста аз соҳиби хона пурсид:

— Ҳой махдум, 5—6 дона нон доред?

— Дар торикии шаб 5—6 дона нонро чӣ кор мекунед?

— Хобам набурда истодааст, ба таки сарам монда хоб мекунам.

„Не, хобам бурдагӣ“

Афандӣ бо ҳамроҳии якчанд кас дар меҳмонхона хоб кард. Ҳанӯз хоби Афандӣ набурда буд, ки як ҳамроҳаш аз ӯ пурсид:

— Афандӣ, шумо хоб ё бедор?

— Чӣ хизмат буд?

— Даҳ сӯм қарз гирифтанӣ будам.

Афандӣ баланд-баланд хуррок кашида ҷавоб дод:

— Аз хуррокам намефаҳмӣ, ки кайҳо хобам бурдааст!

— Барои он ки айнак ҳар чизро калон карда нишон медиҳад.

— Ин тавр бошад, дар вақти хӯрок ба чашмат айнак накун, ки хӯрок калон намуда, ба гулӯят дарнамонад!

Ҳарфи „Р“

Шахсе ҳарфи «Р»-ро талаффуз карда натавониста, «Л» мегуфт. Ҷӯраҳояш шӯхикунон аз вай пурсиданд:

— Канӣ, «рӯбоҳ» гӯй!

— Ҳа, лубоҳ гӯям машхала мекунед, беҳ; талаш ҳамин, ки ҷонвали думдалоз мегӯям, ки ҳалфи «Л» надолад.

„Агар бетамиз намебудам“...

Афандӣ ба ҳузури подшоҳ омаду рафт дошт ва бо ӯ ҳазлу мутойиба мекард.

Рӯзе бо подшоҳ ба сафар баромада, беиҷозат ба тахте, ки дар болои фил гузошта шуда буд, баромада дар паҳлуи подшоҳ нишаст.

Подшоҳ аз ин беадабии Афандӣ хашмгин шуда, ӯро сарзаниш кард:

— Афандӣ, тоза ҳам бетамиз будаед-ку!

Афандӣ дарҳол ҷавоб гардонд:

— Бале тақсир, агар бетамиз намебудам, бо ҷанобашон ҳамнишин намешудам.

Таксарӣ

Афандӣ ба хонаи махдуми хасисе меҳмон шуд. Соҳиби хона дар назди Афандӣ ҳатто дастурхон накушод ва нону чой ҳам набаровард. Афандӣ бо шиками гурусна ба ҷои хоб даромад, вале ҳеҷ хобаш набурда печ задан гирифт. Ниҳоят тоқат карда натавониста аз соҳиби хона пурсид:

— Ҳой махдум, 5—6 дона нон доред?

— Дар торикии шаб 5—6 дона нонро чӣ кор мекунед?

— Хобам набурда истодааст, ба таки сарам монда хоб мекунам.

„Не, хобам бурдагӣ“

Афандӣ бо ҳамроҳии якчанд кас дар меҳмонхона хоб кард. Ҳанӯз хоби Афандӣ набурда буд, ки як ҳамроҳаш аз ӯ пурсид:

— Афандӣ, шумо хоб ё бедор?

— Чӣ хизмат буд?

— Даҳ сӯм қарз гирифтанӣ будам.

Афандӣ баланд-баланд хуррок кашида ҷавоб дод:

— Аз хуррокам намефаҳмӣ, ки кайҳо хобам бурдааст!

— Барои он ки айнак ҳар чизро калон карда нишон медиҳад.

— Ин тавр бошад, дар вақти хӯрок ба чашмат айнак накун, ки хӯрок калон намуда, ба гулӯят дарнамонад!

Ҳарфи „Р“

Шахсе ҳарфи «Р»-ро талаффуз карда натавониста, «Л» мегуфт. Ҷӯраҳояш шӯхикунон аз вай пурсиданд:

— Канӣ, «рӯбоҳ» гӯй!

— Ҳа, лубоҳ гӯям машхала мекунед, беҳталаш ҳамин, ки ҷонвали думдалоз мегӯям, ки ҳалфи «Л» надолад.

„Агар бетамиз намебудам“...

Афандӣ ба ҳузури подшоҳ омаду рафт дошт ва бо ӯ ҳазлу мутойиба мекард.

Рӯзе бо подшоҳ ба сафар баромада, беиҷозат ба тахте, ки дар болои фил гузошта шуда буд, баромада дар паҳлуи подшоҳ нишаст.

Подшоҳ аз ин беадабии Афандӣ хашмгин шуда, ӯро сарзаниш кард:

— Афандӣ, тоза ҳам бетамиз будаед-ку!

Афандӣ дарҳол ҷавоб гардонд:

— Бале тақсир, агар бетамиз намебудам, бо ҷанобашон ҳамнишин намешудам.

Таксарӣ

Афандӣ ба хонаи махдуми хасисе меҳмон шуд. Соҳиби хона дар назди Афандӣ ҳатто дастурхон накушод ва нону чой ҳам набаровард. Афандӣ бо шиками гурусна ба ҷои хоб даромад, вале ҳеҷ хобаш набурда печ задан гирифт. Ниҳоят тоқат карда натавониста аз соҳиби хона пурсид:

— Ҳой махдум, 5—6 дона нон доред?

— Дар торикии шаб 5—6 дона нонро чӣ кор мекунед?

— Хобам набурда истодааст, ба таки сарам монда хоб мекунам.

„Не, хобам бурдагӣ“

Афандӣ бо ҳамроҳии якчанд кас дар меҳмонхона хоб кард. Ҳанӯз хоби Афандӣ набурда буд, ки як ҳамроҳаш аз ӯ пурсид:

— Афандӣ, шумо хоб ё бедор?

— Чӣ хизмат буд?

— Даҳ сӯм қарз гирифтанӣ будам.

Афандӣ баланд-баланд хуррок кашида ҷавоб дод:

— Аз хуррокам намефаҳмӣ, ки кайҳо хобам бурдааст!

Қасос

Афандӣ ба балоғат расида, зан гирифтанӣ шуд ва тӯи калоне дод. Ба тӯй ҳамаи хешу табор, ёру дӯст ва ҳамгузариҳои худро ҷеғ зад, вале падарашро хабар накард. Аз ин кирдори Афандӣ мардум дар ҳайрат монда, ба ӯ савол доданд:

— Барои чӣ ҳамаро хабар кардеду падари худатонро хабар накардед?

— Монед падарамро, — гуфт Афандӣ дар ҷавоб. — Аз он кас дилам мондагӣ: падарам ба тӯи модарам маро хабар накарда буданд, акнун ман ҳам аз он кас қасос мегирам.

„Ба дари хонаи мо қадами худро намон!“

Афандӣ дар лаби ҷӯи калоне истироҳат карда, ба пояш маҳсӣ пӯшида истода буд, ки кафшаш ба об афтод. Дид, ки кафшро об бурда истодааст, кафши пои дигарашро низ кашида аз паси он партофта гуфт:

— Рав! Агар шарикатро ёфта набиёӣ, гашта ба дари хонаи мо қадами худро намон!

„Ба ресмон орд андохта мондаем“

Аз Афандӣ ҳамсояаш ресмони борбандӣ пурсид.

— Ба ҷону дил медодам, — гуфт Афандӣ, — лекин занам ба ресмон орд андохта мондааст.

— Оё ҳамин хел ҷавоби номуносиб ҳам мешавад, ки «ба ресмон орд андохта мондаем» мегӯед?

— Аҷаб нодон будаед, — гуфт Афандӣ хашмгин шуда, — модоме ки мо барин одамони ақлаш расо ба надодани ресмон баҳонаи дигаре ёфта наметавонанд, чӣ ҷавоб диҳанд?

Баҳои хурӯс

Афандӣ дар хоб дидааст, ки як хурӯс дошта, онро ба бозор бурдааст ва касе ба он харидор шудааст.

— Хурӯсатон хеле нағз будааст, мефурӯшед?

— Агар пули калон диҳед, мефурӯшам, — ҷавоб додааст Афандӣ.

— Нархаш чанд сӯм?

— Дувоздаҳ сӯм.

— Ҳафт сӯм диҳам, мефурӯшед? Хайр, ҳашт сӯм.

Ниҳоят харидор нархро ба нӯҳ сӯм бароварда, Афандӣ «не-не» гӯён якбора бедор шудааст ва фаҳмидааст, ки ҳамаи ин воқеа дар хобаш будаасту дар дасташ на

хурӯс ҳаст, на пул ва на харидор. Афандӣ дарҳол чашмашро аз нав пӯшида фарьёд задааст:

— Хайр биё, нӯҳ сӯм бошад ҳам, майлаш!

Дандони тилло

Дар ресторан як мичоз порчаи гӯштеро сахт мекашид ва ҳеҷ хоида наметавонист. Вай ба ошпаз мурочиат кард:

— Барои хӯрдани ин гӯшт дандони оҳанин даркор!

— Дандони шумо тилло-ку! Наход нагузарад, — гуфт зери лаб хандида ошпаз.

Пойафзоли бепошна

Инженери фабрика ба директор мурочиат намуд:

— Ҳама аз пошнаи пойафзолҳои мо шикоят мекунанд. Чӣ кор кунем, ки гӯшамон тинҷ шавад?

— Пойафзолҳои бепошна бароваред!

„Кӣ ошу нон медиҳад?“

Зане чизу чораашро бардошта, ба шавҳари танбалаш гуфт:

— Ҳой мардак, ана ман аз хона тамоман рафтам!

— Ҷонакам, нарав, — ба таваллову зорӣ даромад шавҳар.

— Ту равӣ ба ман кӣ ошу нон медиҳад?

Кай чидан беҳтар

Муаллим аз талабае пурсид:

— Дар кадом вақт себро чидан беҳтар аст?

Талаба ҷавоб дод:

— Вақте, ки қаровул дар боғ набошад ва сагаш бастагӣ бошад.

Хона торик буд

Модари Нафсулло ӯро коҳиш карда гуфт:

— Чаро дар табақча панҷ дона анор буду сето мондааст?

Нафсулло ҷавоб дод:

— Модарҷон, хона торик буд, бинобар он дигарашро надида мондаам.

Об ҷӯшидааст

Ба Зебо модараш гуфт:

— Рафта хабар гир-чӣ, самовор ҷӯшидаааст ё не?

Зебоҷон баъди хабар гирифта омадан гуфт:

— Самовор наҷӯшидааст.

Баъди якчанд дақиқа модар боз Зеборо барои хабар гирифтан фиристод. Зебо боз ҷавоби аввалаашро такрор кард. Баъд худи модар баромада дид, ки самовор ҷуши дааст. Вай ба Зебо гуфт:

— Самовор ҷӯшидаасту чаро ту наҷӯшидааст мегӯӣ?

Зебо ҷавоб дод:

— Очаҷон, самовор не, об ҷӯшидааст.

Чашмгурусна

Бачае дар кӯча беист гирья мекард. Роҳгузаре омада савол дод:

— Ҳой бача, барои чӣ гирья мекунӣ?

— Бист тин пул доштам, ҳамонро гум кардам.

Раҳми роҳгузар омада, ба бача бист тин дод. Бачаи чашмгурусна бист тинро гирифта, бо овози аз он ҳам баландтар боз гирья кард. Роҳгузар пурсид:

— Акнун барои чӣ гирья мекунӣ?

— Барои он гирья мекунам, ки агар бист тини гумкардаам мебуд, бо ин бист тини шумо додагӣ чиҳил тин мешуд.

Фарқ дар чист

— Фарқи байни муши дупо ва муши чаҳорпо дар чист?

— Дар он аст, ки муши чаҳорпо дона-дона мекашонаду муши дупо ароба-ароба.

Боиси ҷасорат

Рӯбоҳе ба назди магазини шикорчиҳо омада:

— Борут доред? — гуфта пурсид,

— Надорам, — ҷавоб дод магазинчӣ.

— Тир доред?

— Тамом шуд.

— Ин тавр бошад, ба ҳамаи шикорчиҳоятон эълон кунед, ки ман аз онҳо намегарсам!

„Чанг мезанад“

Аз мутриби тамаъкор пурсиданд:

— Шумо най менавозед ё чанг?

Афандӣ, ки он ҷо ҳозир шуд, гуфт:

— Наёваред, ки вай чанг мезанад!

Чӣ гуфтан лозим?

Марде ба духтарчаи хурде як дона себ дод. Модараш ба ӯ гуфт:

— Духтарам, ба амакат чӣ гуфтан лозим аст?

— Боз якто диҳед.

Дашном надодам

Шахси беодобе Афандиро бо алфози қабеҳ ҳақорат дод. Афандӣ мерафт ва худ ба худ «шукр» мегуфт.

Аз ӯ пурсиданд:

— Сабаби шукр гуфтан чист?

Гуфт:

— Сабаб он аст, ки ӯро дашном надодам ва забонамро бо қабоҳат олуда накардам.

„Магар шумо беморед?“

Шахсе Афандиро, ки аз дорухона мебаромад, дида пурсид:

— Магар шумо беморед?

— Не, — гуфт Афандӣ дар ҷавоб. — Аз куҷо донистаед?

— Аз он донистам, ки аз дорухона мебароед.

— Аҷабо! Агар аз гӯристон бароям, магар маро мурда ҳисоб мекунед?

„Ду пояшро бардорад, меғалтад“

Подшоҳ дар боғчаи худ бо Афандӣ сайру гашт мекард. Вай лаклакеро, ки дар

болои гунбазе якпоя меистод, нишон дода пурсид:

— Афандӣ, барои чӣ лаклак як пояшро бардошта истодааст?

Афандӣ дар ҷавоб гуфт:

— Агар ҳарду пояшро бардорад, меғалтад.

„Он вақт директор набуд“

Шоире ба назди мудири станцияи электр омада арзи муддао намуд:

— Рафиқ мудир, хеле вақт боз дар хонаи мо равшанӣ нест. Дар ин аҳвол чӣ хел асар навиштан мумкин аст?

— Дар замонҳои пеш равшании электр набуд. Вале ба ин нигоҳ накарда, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон асарҳои бисьёри ҷовидонӣ навиштаанд-ку?

— Зеро ки он вақт шумо барин директорҳо набуданд.

Фарқ дар чист?

— Дар байни мудири нав ва кӯҳнаи магазинатон чӣ фарқ ҳаст?

— Фарқ дар ҳамин аст, ки мудири кӯҳна фақат аз бегонаҳо мезад, мудири нав

бошад, аласабия ҳам аз бегонаҳо ва ҳам аз шиносҳо мезанад.

„Панҷоҳ сол боз мехонам“

Зани ҳофиз аз қафои шавҳараш ба таги дар баромад:

— Дадеш, дафтари ашӯлаҳоятон аз ёдатон баромадааст, гирифта баред.

— Ғам нахӯр, занак, аз ёдам намебарояд: ин ашӯлаҳоро чил-панҷоҳ сол боз мехонам.

Шукронаи гӯш

Афандӣ дар зали маҷлис менишасту беист шукрона мегуфт.

— Афандӣ, барои чӣ ин қадар шукр мегӯед? — пурсид ҳамроҳаш аз ӯ. Афандӣ ҷавоб дод:

— Хайрият одам ду гӯш дорад, ки лекцияву маърӯзаҳои бемазаи бесару нӯки шунидааш аз як гӯш медарояду аз дигараш мебарояд.

Рӯбардор

— Барои чӣ доим аз китоби классикҳо рӯбардор мекунӣ?

— Магар ман аз классикҳо беҳтар навишта метавонам?

Тӯҳмат накун

Ба сартароше гуфтаанд:

— Машинаат кунд, сарро монанди комбайни кӯҳна мехарошад.

— Тӯҳмат накун! Ман шӯъбаи механизацияи институти хоҷагии қишлоқро тамом кардаам!

Маҷлисбозон

— Коргарҳои цех ҳар рӯз дар вақти кор ба куҷо мераванд?

— Ба маҷлиси истеҳсолӣ.

— Чӣ масъаларо ҳал мекунанд?

— Масъалаи самаранок истифода бурдани рӯзи кор.

Дар арафаи соли нав

Мудири корхонае қаламу коғази бисьёре бардошта меомад. Аз ӯ пурсиданд.

— Ин қадар коғазу қалам барои чӣ?

— Сол нав шуд, ваъдаҳои нав навиштан лозим.

— Ваъдаҳои кӯҳнаро чӣ кор мекунед?

— Мо кӯҳнапараст нестем: онҳоро нав мекунем.

Чала

Тракторчие ба хонааш омада, ба занаш, ки сӯзанӣ медӯхт, эрод гирифт:

— Азизам, чалакориро аз кӣ ёд гирифтӣ, ки бисьёр гулҳои сӯзаниро партофта рафтаӣ?

— Аз шумо, дадеш. Худи шумо ҳам дар вақти шудгори замин ин ҷо ва он ҷояшро ҳамеша партофта меравед.

Илоҷи воқеа

— Дадеш, телевизор нахарида устояшро ҷеҳ задед?

— Илоҷи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард: то омадани усто телевизорамон як чанд бор вайрон мешавад-дия.

Гузашта наметавонад

— Раис ака, ба қишлоқи мо аз идораи боло комиссия меомадааст.

— Ғам нахӯред, омада наметавонад ва

гар ояд ҳам, аз пули вайрона ва кӯчаҳои асту баланди лойдон гузашта наметавоад.

Вақт надорам

— Акои мудир, чаро доим дар вақти кор шоҳмотбозӣ мекунед?

— Чунки баъди кор вақт надорам.

Барои фаҳмидан

Як бача ба болои дарахт баромад.

— Ҳой бача, дар лавҳаи болои дарахт ӣ навишта шудааст?

— Навишта шудааст, ки «Ба болои дарахт баромадан мумкин нест!»

— Пас барои чӣ баромадӣ?

— Барои фаҳмидани ҳамин гап.

Нисфи умр

— Мегӯянд, ки 7—8 соли умри одам ба гаомхӯрӣ мегузарад. Оё ин рост аст? — пурсид як коркуни идора аз Афандӣ.

— Эй писарам, агар дар ошхонаи назди идораи мо бошад, ҳамаи умри одам мегузарад.

Одамҳо чӣ мегуфта бошанд?

Як олуфтаи бетамиз, ки доим ришу бурутташро бо мӯчинак мечид, аз Афандӣ пурсид:

— Ман дар оянда ришу мӯйлаб монам, одамҳо чӣ мегуфта бошанд?

— Одамҳо мегӯянд, ки то ҳол ба модаркалонаш монанд буд. Минбаъд каме ба падараш монанд мешавад, — ҷавоб дод Афандӣ.

Алла

Бастакоре оҳанги нав бароварда. Дар вақти шунидани он ҳамаро хоб бурд. Ба Афандӣ гуфтанд:

— Оҳанг, аз афташ, ба гӯши сомеон форид. Номашро чӣ мондан беҳтар?

Афандӣ ҷавоб дод:

— Алла.

Оташ парида истодааст

Афандӣ ба як сартарош риш тарошонида дар зери дасти ӯ беҳад нолиш кард. Сартарош ба ӯ хитоб кард:

— Афандӣ, ин қадар нолиш мекунед, покуи ман аз пӯлоди тоза-ку?

— Ҳа, ҳа, ана акнун нағз фаҳмидам, ки барои чӣ аз чашмонам оташ парида истодааст!

Чорьяккам се метр

— Ба ман ҳо ана аз он шоҳиатон чорьяккам се метр диҳед.

— Барои чӣ се метр не?

— Нағз медонам, ки шумо ҳеҷ вақт расо се метр намедиҳед!

Роҳи халосӣ

— Ҷӯраҷон, таҷрибаатро гуфта деҳ: аз додани нафақа ба зану фарзандонат чӣ хел халос хӯрдӣ?

— Овоза паҳн кардам, ки ба нохост таппӣ афтода мурдам.

Як соат кам шуд

Аз посбони як анбор пурсиданд:

— Баъди гузаштан ба кори ҳафтсоата хобатон чӣ тавр, Солеҳ амак?

— Маза надорад, — гуфт ӯ хамьёза кашида. — Пештарҳо дар посбонӣ расо ҳашт соат хоб карда, аз хоб сер мешудам. Акнун бошад, як соат кам хоб мекунам.

Дандонам нест

Пиразани лаққӣ дар кӯчаву бозор чизи ба даҳон омадаро гуфта мегашт. Ба ӯ гуфтанд:

— Ҳой хола, забонатонро нигоҳ доред, намешавад?

— Намешавад, — гуфт вай дар ҷавоб, — дар даҳон ягонто ҳам дандонам нест.

Парво накунед

Ба ҳаромхӯре гуфтанд:

— Шумо мудири анбор таъин мешавед, маошатон...

Вай сухани мудири шӯъбаи кадрҳоро бурида гуфт:

— Фаҳмидам, фаҳмидам, парво накунед, ман бо маошам кор надорам: ризқи маро худо медиҳад.

Бовар намекунанд

Аз мудири анбор савол карданд:

— Барои чӣ «аракҳоро муш хӯрд» гуфта акт навиштаед?

— Барои он ки гурба хӯрд гӯям, ҳеҷ кас бовар намекунад.

Осон шавад

Афандӣ аз магазин қанд гирифт. Магазинчӣ ба ҷои як кило 800 грамм дод. Афандӣ инро мушоҳида карда, пурсид:

— Чаро кам додед?

— То ки бардошта бурданатон осон шавад.

Афандӣ ҳам дар навбати худ пулро кам дод. Магазинчӣ пурсид:

— Афандӣ, чаро пулро кам додед?

— То ки шумурданатон осон шавад.

Хоби Алитанбал

— Офтоб аз куҷо баромад, ки имрӯз Алитанбал ба кор баромадааст? — пурсиданд ду нафар ӯро дар пахтазор дида.

— Не, ба кор набаромадааст. Дирӯз пешинӣ дар ин ҷо хобаш бурда монда буд, акнун бедор шуд.

Ин чист?

Шахсе ба назди сардори идора як даста пули коғазпечеро даровард.

— Ин чӣ? — пурсид сардор.

— Тӯҳфа, хӯҷаин.

Вай коғазпечро гирифта гуфт:

— Хайрият, тӯҳфа будааст. Агар пора мебуд, намегирифтам.

„Моро боб кард“

— Ин официантка моро боб карда, пуламонро зиёд гирифт.

— Ҷои тааҷҷуб нест: вай факултети математикаро тамом кардааст.

Сабр кунед

— Раис ака, мо бо кадом колхоз мусобиқа доштем, дар хотир доред?

— Эй содда, андак сабр кун, вақто ки аз он колхоз комиссияи тафтишотӣ омад, худ ба худ маълум мешавад.

Тӯҳмат

Зан шавҳарашро ба қасос гирифт:

— Ҳой мардак, мегӯянд, ки дар саҳро ба занону духтарон чашмак мезадаед?

— Тӯҳмат! Имсол ягон бор ҳам ба саҳро набаромада бошам, чӣ хел чашмак мезанам?

Парандаҳоро мегурезонам

— Ҳой Ғофилбой, дар ғаллазор ин қадар хуррок кашида мехобӣ?

— Ман посбони ин ҷо: парандаҳоро аз байни киштзор мегурезонам.

Мукофот

— Хӯҷаин, Мавлони Кафлес имрӯз дар завод сад сӯмро сарфа кард. Чӣ кор кунем?

— Фавран ба ӯ дусад сӯм мукофот диҳед!

Ба ҷои пиёз

— Аъзамҷон, аз ошхона ин қадар бисьёр санбӯса харидед?

— Ба бозор рафтам, пиёз набудааст.

Духтари шинос

Булҳавас духтари роҳгузареро ба шарикаш нишон дода гуфт:

— Ин духтар шиноси деринаи ман аст.

— Дар куҷо шинос шудаи будӣ?

— Боре дар троллейбус маро «аблаҳ!» гуфта буд.

Зан гирифта медиҳам

Ба Афандӣ падараш зане гирифта дод, ки ҷанҷолӣ ва сермоҷаро буд. Рӯзе лабу лунҷаш овезон ғамгин нишаста буд, ки як пашшаи шилқин ба болои биниаш нишаст. Ҳар чанд мезад, пашша намерафт. Оқибат ба ҷонаш расида, ба пашша хитоб кард:

— Эй киш-е! Набошад ба падарам мегӯям, ба ту ҳам зан гирифта медиҳад!

Қувваи марказгурез

Дар вақти имтиҳон дар як мактаби олӣ ба студенте чунин савол афтод: «Қувваи марказгурез чист?»

Студент пушти гардан хорида ҷавоб дод:

— Қонуни ногувор ва номақбулест, ки мувофиқи он баъд аз тамом кардани донишкада хоҳ-нохоҳ аз марказ дур мешаванд.

Ҷои хуб будааст

— Дада,— гуфт бача ба китоб нигоҳ карда,— дар қутби шимолӣ 7—8 моҳ зимистон мешудааст.

— Аҷаб ҷои хубе будааст, писарам,— ҷавоб дод падар танбалона шикам хорида.

— Дар мо аз хоб сер нашуда кишт сар мешаваду аз паси он ҳазору як кору ташвиши дигар.

Сӯҳбат дар қабулгоҳ

— Раис холӣ-мӣ?

— Бале,— гуфт котиба,— маҷлис он касро тамоман холӣ кард.

Ҷонаш баромад

Ҳофиз дар театр ҷон коҳонда суруд мехонд. Бадмасте муттасил аз зал аррос зада, «Ҳа ҷон!» «Ҳа ҷон!» мегуфт.

Афандӣ оҳиста ба гӯши шарикаш гуфт:

— Хайрият, ҷони бадмаст баромад.

„Гӯш даркор бошад, гиред!“

Нотиқи серҷоғ соатҳои дароз сухан мекард ва ҳар дам «ба ман гӯш диҳед» мегуфт. Яке аз ҳозирон, ки ба ҷонаш расида буд, гӯши худро ба дасти ӯ дод:

— Ана,— гуфт вай,— гӯш даркор бошад, гиред!

Каллаи холӣ

Муллои саллакалоне тасбеҳ дар даст мерафт. Ду лаклак аз қафои он парвоз карда омаданд. Яке гуфт:

— Биё, дар ҳамин ҷой лона созем.

— Ақлатро хӯрдӣ магар. Ин каллаи эшонӣ домулло аст-ку.— Майлаш, калла бошад ҳам, холӣ менамояд.

Маъқул

— Мирғайбат, хонаи нават маъқул?

— Хеле маъқул.

— Девораш тунук мегӯянд-ку?

— Барои ҳамин ҳам маъқул: ҳамсояҳо ҳар чӣ гӯянд, баралло шунида мешавад.

Бюрократ ва либосдӯз

Бюрократ ба худаш либос медӯзонд. Устои мошиначӣ ба даст метрро гирифта ба ӯ гуфт:

— Гарданатонро андак хам кунед.

— Эҳа, чиҳо гуфта истодаӣ! Ман дар умрам ба касе гардан хам накардаам!

„Нодуруст!“

Аз мудири шӯъбаи кадрҳои идораи савдо савол карданд:

— Мегӯянд, ки дар магазинҳои озуқа агрономҳо қассоб шуда кор мекардаанд. Оё ин дуруст аст?

— Нодуруст! — гуфт вай дар ҷавоб.— Мо онҳоро кайҳо ба магазинҳои молҳои саноатӣ гузаронидаем.

„Духтари онҳо калонтар будагист“

Шахсе як либосворӣ матои қиматбаҳое дошт, ки нусхааш дар ҳеҷ кас набуд. Вай ин матоъро барои либос дӯзондан ба назди чандин дарздӯз бурд, вале ҳамаи онҳо ма-

тоъро дида, ба як забон «намерасад» гуфтанд. Вай ҳамаи либосдӯзҳоро давр зада баромада, як хел ҷавоб гирифт. Ниҳоят, матои худро ба назди боз як дарздӯзи дигар бурд, ки вай «бемамол мерасад» гуфт ва дере нагузашта дӯхта ҳам дод. Вай либосро бо мамнуният гирифта пӯшид.

Рӯзе вай дар тани як духтарча айнан нусхаи ҳамон матоъро дида, дар ҳайрат монд ва рафта аз он духтарча пурсид:

— Ту духтари кӣ?

— Фалон дарздӯз,— гуфт духтарча.

Соҳиби матоъ зуд ба назди дарздӯз рафта, сирри воқеаро фаҳмиданӣ шуд.

— Ҳамаи либосдӯзони шаҳр матои маро «намерасад» гуфтанду шумо «мерасад» гуфтед ва ҳатто аз он матоъ ба духтарчаатон либос ҳам дӯхта додед. Дар ин ҷо чӣ асрор ҳаст?

— Ҳеҷ асроре нест. Духтарчаи ман, ки хурд буд, зиёдиаш ба вай мерасад гуфтам. Шояд духтари онҳо аз духтари ман калонтар бошад.

„Тӯҳмат“

— Мегӯянд, ки ту ба падару модарат муомилаи дағал мекардай ва онҳоро дашном медодай? — пурсиданд аз як падарбезор.

— Дурӯғ! Тӯҳмат! — гуфт вай бо иддао, — зиёда аз як сол аст, ки ман дидори онҳоро надидаам!

„Худатон чӣ мегӯед?“

Як мунаққид ба минбар баромада, дар бораи танқиди адабӣ маърӯза карда гуфт:

— Дар ин хусус Белинский мегӯяд... Восифӣ мегӯяд... Лоҳутӣ мегӯяд... Айнӣ мегӯяд... Муаллифи фалон китоб ин тавр мегӯяд, муаллифи бисмадон китоб ин тавр мегӯяд...

Яке аз ҳозирон бо ҳайрат ба ӯ савол дод:

— Хӯш, рафиқ мунаққид, худи шумо чӣ мегӯед?

„Вай зани ман набудааст“

— Дирӯз зани шуморо дидам.

— Салом дод?

— Ҳа, бо эҳтиром салом дод ва пурсупос кард.

— Ягон ҳарфи зиёдатӣ назад?

— Не, бо чеҳраи пурханда ба магазин даромад.

— Бо магазинчиҳо чӣ хел муомила кард?

— Хеле хуб.

— Набошад саҳв кардаед, вай зани ман набудааст.

„Соле дувоздаҳ гаҳвора“

Афандӣ ба гаҳворафурӯш гуфт:

— Ба ман дувоздаҳта гаҳвора диҳед.

— Ин қадар гаҳвораро чӣ кор мекунед?

— Гӯш кунед, аз тӯй як моҳ нагузашта, янгаатон зоид. Як сол дувоздаҳ моҳ аст. Агар кор бо ҳамин суръат рафтан гирад, эҳтимол дувоздаҳ гаҳвора ҳам камӣ кунад.

Дурӯя

— Шунидед, Шарифхӯҷаро аз сардории идора озод кардаанд.

— Ана, нагуфтам. Хуб шудааст, аҷаб шудааст. Худи вай одами ноӯҳдабаро, бемаза ва фиребгар буд. Ҷазои одами ганда ҳамин!

— Не, аз сардорӣ озод карда, ба кори аз он ҳам калонтар таъин кардаанд.

— Ҳа, ҳамин хел гӯед-дия. Қандаша занад: вай ҷони одам, марди кордон, ӯҳдабаро, додрас ва боақл аст.

— Ба шумо чӣ шуд? Аввал сарзаниш

кардеду баъд ба осмон бардоштед? Ба кадом суханатон бовар кунем?

— Шумоя бинанд. Ҳазл кардам, ки шумо чӣ мегуфта бошед?

Соли оянда

Як шахс ба рафиқаш шикоят кард:

— Имсол чизҳои соли гузашта навиштаамро хонам, маълум мешавад, ки порсол хеле содда ва нодон будаам.

Рафиқаш гуфт:

— Набошад соли оянда ҳам чизҳои имсол навиштаатро бо диққат хонда баро.

„Ба ман фарқ надорад“

— Маърифатхонро барои машина ва ҳавлии қабзафурӯмон доштани падараш ба занӣ гирифтед мегӯянд, оё ин рост аст?

— Барои ман фарқ надорад,— гуфт булҳавас,— модараш машинаву ҳавлӣ дошта бошад ҳам мегирифтам.

Ҳодӣ ва Шодӣ

— Сабаб чист, ки Ҳодӣ Шодиро доим таъриф мекунад?

— Чунки Шодӣ ҳам Ҳодиро доим таъриф мекунад.

„Саратон гӯрба“

Марде ба занаш гуфт:

— Сарам бениҳоят дард карда истодааст.

— Саратон гӯрба,— гуфт ғамхорона занак,— худатон саломат бошед.

Барои ту

Зани Афандӣ сари тоси шавҳарашро дида гуфт:

— Вой, мӯи саратон рехта, ба болои саратон майдонча пайдо шудааст. Ин барои кӣ, дадеш?

— Ҷони ширин, барои ту.

„Мешиносам“

Дар рӯзнома мақолаи Мастонбеков ном шахс таҳти унвони «Зарари машрубот» чоп шуд. Аз ҳамсӯҳбатам пурсидам:

— Муаллифи мақоларо мешиносӣ?

— Мешиносам.

— Аз куҷо?

— Чанд бор дар ҳушьёрхона ҳамроҳ хобида будем.

„Такрор намекунам“

Аз мунаққиде пурсиданд:

— Шумо барои чӣ китоби Миршарифро дирӯз танқид намуда, имрӯз онро таъриф карда, ба осмони ҳафтӯм бардоштед?

— Оре, ман як гапро ду бор такрор намекунам.

„Пушаймон хӯрдам“

Афандиро як ошнои хасисаш ба меҳмонӣ даъват карда, ҳатто дар назди ӯ дастурхон накушод. Вай ташналаб рафта, ташналаб ба хонааш баргашт. Занаш пурсид:

— Афандӣ, дар зиёфат чӣ хӯрдед?

— Пушаймон хӯрдам.

„Қуфлпалав“

Як ошнои Афандӣ ӯро ба хонааш таклиф карда, палави равғанин ваъда кард. Афандӣ ба хонаи ӯ рафта ба дар қуфли калонеро овезон дида, ноумед баргашт. Дар сари кӯча ҷӯраҳо аз ӯ пурсиданд:

— Ҳа, Афандӣ, чӣ хел палав хӯрдед?

— Қуфлпалав,—ҷавоб дод Афандӣ оҳи сарде кашида.

Кам кардани штат

— Дар идораатон масъалаи кам кардани штати коркунон чӣ хел рафта истодааст? — пурсиданд аз сардори як идора.

— Бомуваффақият. Дувоздаҳ нафари дигарро ба кор гирифтем.

— Аҷабо, инаш барои чӣ?

— Барои кӯтоҳ кардани штат.

„Нигоҳ дошта наметавонам“

— Ба умед машинаи сабукрав гирифтед, барои чӣ савор шуда намегардед?

— Наметавонам.

— Ронда наметавонед?

— Не, ронда метавонам, вале нигоҳ дошта наметавонам.

Сирри моҳихӯрӣ

Дар поезд ду нафар мерафтанд. Яке аз ҳамсафарон пагоҳӣ, пешинӣ, бегоҳӣ моҳӣ мехӯрд. Ҳамсафари дигар бо тааҷҷуб аз ӯ пурсид:

— Сабаб чист, ки ин қадар бисьёр моҳӣ мехӯред?

— Барои он ки моҳӣ ақли одамро зиёд мекунад.

— Ин тавр бошад, ба ман ҳам як порча диҳед.

— Як порчааш панҷ сӯм.

— Ана панҷ сӯм,— гуфт ва пулро дода як порча моҳӣ гирифт.

Вай моҳиро хӯрду фурсате нагузашта, панҷ сӯми додааш алам кард.

— Истед, ки моҳиатон барои чӣ ин қадар қимат?

Ҳамсафараш ҷавоб дод:

— Ана нагуфтам! Моҳӣ дар ҳақиқат ақлро зиёд мекунад. Фурсате нагузашта ақлатон даромада, қимат хариданатонро фаҳмидед.

„Чӣ кор мекунам?“

Зани Афандӣ серғурбат ва ҷанҷолӣ буд. Рӯзе занаш бо ҷаҳл аз ҷой ҷаста хест ва аз хона баромада рафтанӣ шуд. Афандӣ бошад ба гирья даромад. Занаш аҳволи шавҳарашро дида пурсид:

— Занам аз хона баромада равад ҳолам чӣ мешавад, гуфта гирья карда истодаед?

— Не,— гуфт Афандӣ дар ҷавоб,—баръакс, баромада наравад чӣ кор мекунам, гуфта гирья карда истодаам.

„Вой дод!“

Дар замонҳои пеш як бенавое зан гирифту занаш зоид. Вай ба фарзанди аввалини худ хушпоиқадам шавад гӯён Озод ном дод. Дере нагузашта фарзанди дуйӯм шуду номи ӯро Ибод монд. Ба фарзандони дигараш низ Иршод, Дилшод, Гулшод ва ҳоказо ном гузошт. Ниҳоят фарзанди даҳӯм зоида шуд. Занаш гуфт:

— Дадеш, ба ин фарзандамон як номи нағз монед, ки шояд аз пои қадами вай рӯзамон беҳбуд шавад.

Падараш як оҳи сард кашида гуфт:

— Занак, беҳтараш номи ӯро «Вой дод!!» мемонем.

„Хунук надарояд?“

Ҳофизи машҳур Ҳоҷӣ Абдулазиз дар фасли зимистон дар хонаи шогирди худ Қорӣ Сироҷ меҳмон шуд. Дар ин вақт як одами хунукқилиқе, ки ӯро Ҳоҷӣ дӯст намедошт, аз беруни дар намоён шуд.

— Қорӣ,— гуфт Ҳоҷӣ ба ӯ назараш афтода,— дарро зудтар пӯшед.

— Барои чӣ, Ҳоҷӣ бобо?

— То ки хунук надарояд.

Қасам

Афандӣ аз май нӯшидан қасам хӯрда буд. Вай дар як ҷо меҳмон шуд, ки дӯстонаш сӯҳбати ҷамшедӣ ороста, бӯи хӯрокҳои лазиз ва шаробҳои гуногун машомро қитиқ мекард ва садои мутрибон ба осмон дакка мезад. Ҳама май менӯшиданду Афандӣ наменӯшид. Дар рӯзи дигар ҷӯраҳо таърифи сӯҳбати дишабаро намуда, алами ӯро тоза карданд.

— Аҷаб базме шуд, афсӯс шумо қасам хӯрда будед, нанӯшидед.

— Мани мубтало-ку қасам хӯрда будам, — гуфт Афандӣ,— Шумоёнро чӣ ҷин зад, ки маро ба замин ғелонда, бо зӯрӣ ба даҳонам нарехтед?

Доруи қувват

Як мӯйсафед ба назди духтур омада, шикоят кард:

— Дар баданам мадор намондааст, доимо беҳолу бемадор ҳастам, андаке кор накарда монда мешавам ва нафасам мегардад. Ба ман ягон хел доруи қувват медодед, ки мононди дигарон зӯр шавам ва зани ҷавон гирам.

— Чандсола шудед, бобо? — пурсид духтур.

— Ҳафтоду панҷсола.

— Ҳамаи доруҳои шумо аломати пирӣ, бобо, илоҷе нест.

— Ҳамсояамон Ҷумъабой аз ман пирта-ру ҳар рӯз гӯштин мегирифтааст. Ба наздикӣ се-чаҳор паҳлавони циркро ғалтондааст ва 10—12 пуд борро бемалол мебардоштааст.

— Кӣ гуфт?

— Худаш.

— Аҷаб одами ғалатӣ будааст. Шумо ҳам гуфта гардед-дия.

Ҳамроҳи сунъӣ

Булҳавас ба як духтар гуфт:

— Шумо моҳи ман, ситораи ман, сайёраи ман, шамси ман, қамари ман, офтоби ман. Мехоҳам доимо ҳамроҳи шумо бошам.

Духтар ҷавоб дод:

— Не, ба ман ин хел ҳамроҳи сунъӣ даркор нест!

Опера ва балет

— Балет чист?

— Операи бе ашӯла.

— Опера чист?

— Балети ашӯланок.

„Чӣ бояд кард?“

Ба шахсе ки доимо ба савол бо савол ҷавоб медод, гуфтанд:

— Одатан ба савол бо савол ҷавоб намедиҳанд.

— Пас чӣ бояд кард? — гуфт ӯ.

Танбал

— Шабона чӣ кор мекунед?

— Мехобам.

— Рӯзона чӣ?

— Хобамро мепарронам.

Чӣ қадар?

— Хиёнатулло ба кассаи давлат даст дароз карда чӣ қадар гирифтааст?

— Панҷ сол.

Танҳо ба худат ош паз

Марди хасисе дар қабати дуйӯми бино зиндагӣ мекардааст. Вай рӯзе барои дуруст кардани бом ба қабати панҷӯм баромада, пояш лағжидааст ва якбора муаллақзанон афтодааст. Ҳангоме ки вай рӯ ба рӯи тирезаи хонаи худ расидааст, ба занаш фарьёд кардааст:

— Ҳой занак, имрӯз танҳо ба худат ош паз, ки ман аз ин олам рафтам.

Пӯсти рӯямро метарошад

Афандӣ ба сартарошхона даромадааст. Усто бо покуи кунд риш тарошида, рӯи Афандиро тамоман хуншор гардонидааст. Афандӣ дандон ба дандон монда, гӯё ки хобаш бурда бошад, чашмонашро пӯшидааст. Усто пурсидааст:

— Магар дастони ман форид, ки хобатон бурд?

— Бале!

— Чӣ хоб дидед?

— Хоб бинам, ки ба дасти чармгаре афтодаам.

Ятим монам

Афандӣ дар хонаи бои мумсик ва бераҳм хизмат мекард. Бой ӯро аз субҳ то шом кор мефармуд ва хӯроки ночизе медод. Рӯзе бой дар ҳолати мастӣ ба Афандӣ гуфт:

— Ман падари ту ҳастам ва зани ман модари ту ҳисоб меёбад. Аз ин зиёд боз чӣ мехоҳӣ?

— Ман мехоҳам, ки,— гуфт Афандӣ,— ятим монам.

„Бо ин калид қуфл кунед“

Лектори лаққӣ лекция мехонд. Дар аввали лекция зал аз одам пур буда, вале аз фачии лекция дар зал касе намонд. Қаровули клуб ба назди лектор омада, як даста калидро ба ӯ дода гуфт:

— Мулло-ака! Ана ин калидро гиреду вақто ки лекциятон тамом шуд, дарро қуфл карда ба хонаатон равед.

Чӣ мехонӣ—порсола

Ҳофизе ба ошхона даромада, мудири онро маломат кард:

— Ин чӣ гап, ки хӯроки ошхонаи шумо ҳамеша як хел аст: ҳар рӯз лағмон, масто-ва, кабоб...

Мудир ҷавоб дод:

— Бале, мисли ашӯлаҳои шумо: доим чӣ мехонӣ, порсола.

„Як рӯз не, як рӯз меояд“

Дузде саллаи Афандиро аз сараш гирифта, ба сӯи боғот гурехт. Афандӣ рост ба қабристон омада, ба сари қабре нишаст. Шахсе аз ӯ пурсид:

— Ҳой Афандӣ, дузд ба сӯи боғот гурехта рафту чаро шумо дар ин ҷо менишинед?

Афандӣ ҷавоб дод:

— Як рӯз не, як рӯз ба ин ҷо меояду ба даст меафтонам ва албатта саллаамро аз ӯ кашида мегирам.

„Наход об дар рӯи коғаз истад“

Муаллими ҷуғрофия дар вақти дарс ба харита ишора карда гуфт:

— Ана ин шаҳр, ана ин кӯҳ, ана инаш дарьё.

Талабае ки дар вақти дарс ҳамеша пинак мекард, чашмашро молида гуфт:

— Муаллимҷон, об дар рӯи коғаз чӣ хел меистад?

Одам ва Ҳаво

Мудири анборе ғалла дуздида, пуштора карда мерафт. Момоҳаво аз Одам пурсид:

— Ин мардак ин чизҳоро куҷо мебарад?

— Ба хонааш,— гуфт оҳ кашида Одам. — Агар дар хотир дошта бошӣ, барои як дона гандум моро аз ҷаннат ронда буданд, аммо ин тағорашикам як анбор ғалларо пок-покиза лесида бошад ҳам, касе ба ӯ чизе намегӯяд!

Фарқ дар чист?

— Фарқи байни «Чойхона» ва «Чайная» дар чист? — пурсид шахсе аз рафиқаш.

— Дар «Чайная» арақу виноро аз шиша-ву қадаҳ менӯшанду дар «Чойхона» — бо чойнику пиёла.

Кори оилавӣ

Сардори як идора бо котибааш моҷаро карда, ҳар ду ба якдигар суханҳои пасту баланд гуфтанд ва қариб буд, ки даст ба гиребон шаванд.

— Онҳоро халос карда, ба ифоқа ова-рем,— гуфт яке аз ходимон ба дигараш.

— Монед, ба корҳои оилавии онҳо дахл накунед. Ҳамин ки кор тамом шуд, ошти мекунанд.

Шумо нозим ё носир?

Ҷавоне ба назди шоири маъруф омада, даъвои нависандагӣ кард:

— Ман хеле вақт боз машғули корҳои адабиам. Мехоҳам асарҳоямро чоп куно-нам.

— Шумо нозим ҳастед ё носир? — пур-сид шоир баъди бо диққат шунидани су-ханҳои ӯ.

Ҷавон китф ҷунбонида ҷавоб дод:

— Нозим ҳам не, Носир ҳам не. Номи ман Каримҷон.

„Бо чашм мехӯрад“

Аз кадом як идора ба колхоз муфаттиш омада, дар вақти гуфтугӯй аз гӯсфанду бузи колхоз чашм намеканд.

Гӯсфанд аз ин ҳаракати ӯ ба ҳарос афтода, аз буз пурсид:

— Ҳой ошно, ин меҳмон моро бо чашми худ мехӯрад-ку?

— Кошкӣ фақат бо чашм мехӯрд! — ҷавоб дод буз.

Воҳимачӣ

— Газворро чӣ қадарӣ медиҳед? — пурсид харидоре аз магазинчӣ.

— Ҳар қадаре, ки хоҳед.

— 10 метр медиҳед?

— Медиҳам.

— 50 метр гирифтан мумкин?

— Мумкин.

— 100 метр чӣ?

— Марҳамат.

— Ин тавр бошад, ҳо ана аз ҳамон гулдораш ним метр чен кунед!

„Ба гардан мегирам“

Шахсе баробари дохили маҷлис шудан ба сухан баромада гуфт:

— Рафиқон, ман эродҳои танқидиро сад фоиз ба гардан мегирам.

— Маҷлис ҳозиракак кушода шуда, ҳанӯз касе касеро танқид накардааст-ку? — гуфтанд чанде аз ҳозирон.

— Ин танқидро ҳам сад фоиз ба гардан мегирам.

Саволи бамаврид

Бачаи хурдсол аз магазин папирос мехарид. Роҳгузаре гуфт:

— Ҳой бача, папиросро ба кучо мебарӣ? Туро ба муаллимат хабар мекашам!

— Ман инро ба худи муаллимам мебарам, он касро ба кӣ хабар мекашед?

„Худам ҳам ба ҳамин ҳайрон“

Шахси серзане бо писарчае мерафт. Аз ӯ пурсиданд:

— Ин бача аз кадом занатон?

— Худам ҳам ба ҳамин ҳайрон! — ҷавоб дод ӯ.

Барои фиреб додани мудири анбор

Ширинкоре ба як анбори калоне даромада, ба болои халта ва қуттиҳои ғаллаю дона ва ширавор «заҳр», «марги муш», «хок», «рег» ва «қаланфур» навишт. Ин ҳодисаро дида, одамон пурсиданд:

— Оё ин корро барои фиреб додани мушон кардед?

— Не, барои фиреб додани мудири анбор.

Дар автобус

Пиразане, ки дар автобус рост истода буд, ба ҷавони тануманди нишастагӣ савол дод:

— Писарам, агар модар ва ё модарарӯси ту дар автобус рост истода бошаду касе ба онҳо барои нишастан ҷой надиҳад, чӣ мегуфтӣ?

— Ҳеҷ чиз намегуфтам, зеро ки ман на модар дорам ва на модарарӯс.

„Хуб маза карда будагем-дия“

Ҳофизи машҳур Ҳоҷӣ Абдулазиз дар як базм «Ушшоқи Самарқанд»-ро бо тамоми дилу ҷон хонд. Ҳамин ки ашӯла ба охир расид, шахсе аз ӯ илтимос кард:

— Ҳоҷӣ Бобо, як бор «Ушшоқи Самарқанд»-ро мехондед?

— Ҳозир хондам-ку.

— Ин тавр бошад, хуб маза карда будагем-дия!

Ду соат барвақт мехезам

Танбалеро пурсиданд:

— Дар як шабонарӯз чанд соат кор мекунӣ?

Гуфт:

— 26 соат.

Боз пурсиданд:

— Як шабонарӯз 24 соат асту ту чӣ хел 26 соат кор мекунӣ?

— Аз хоб ду соат барвақттар мехезамдия.

„Зани шумо дилгир нашавад“

Раиси колхозе ба сардори бригада дӯғ зад:

— Зани ту барои чӣ ба кори саҳро намебарояд?

— Вай ба хонаи шумо рафт, то ки занатон аз танҳоӣ дилгир нашавад,— гуфт сардори бригада.

Сабаби ғамгинӣ

Ҷавонписаре ба хонааш маъюс омад. Модараш ин ҳолро дида, изҳори таассуф кард:

— Писарам,— гуфт ӯ,— барои чӣ ту ин қадар ғамгинӣ? Чӣ ҳодиса рӯй дод?

— Ба назди духтур рафта будам, «аҳволат бад, дилат васеъ шудааст» гуфт.

— О бачем, ба ҳамин ҳам ғам хӯрда мегардӣ? Кошкӣ дили танги очаат ҳам ана ҳамин хел васеъ мешуд!..

Каллаи Искандари Зулқарнайн

Афандӣ аз бепулӣ ба танг омада буд. Ба қабристони кӯҳнае рафта, гӯрҳои фурӯрафтаро кофтуков кард ва як каллаи калонеро ёфта, ба аҷоибхона бурд.

— Ин каллаи кӣ? — пурсиданд аз ӯ.

— Каллаи Искандари Зулқарнайн.

Ба Афандӣ инъоми калоне доданд. Вай мазахӯрак шуда, баъди чанд вақт боз ба қабристон рафт ва устухони сари кӯдакро ёфта, ба аҷоибхона овард.

— Инаш каллаи кӣ? — пурсиданд аз ӯ.

— Каллаи Искандари Зулқарнайн,— ҷавоб дод.

— Каллаи Искандарро ба наздикӣ оварда будед-ку?

— Ин давраи бачагии Искандар аст,— ҷавоб дод ӯ.

„Оё гов ҳам ба 72 медарояд?“

Дар ҳузури подшоҳе аз синну соли ҳозирон сухан мерафт. Подшоҳ гуфт:

— Ман имсол ба 72 даромадам.

Мушфиқӣ, ки дар сӯҳбат ҳозир буд, савол кард:

— Шоҳаншоҳо, солатон чист?

— Гов,— ҷавоб дод подшоҳ.

— Дар умрам акнун шунидам, ки гов ҳам ба 72 медаромадааст,— гуфт Мушфиқӣ.

„Аз пашша фил месозад“

Соҳибдиле ба назди дӯсташ, ки машғули кандакорӣ буд, рафт ва савол кард:

— Чӣ кор мекунӣ?

— Аз дандони фил ҳар хел асбобҳои ғалатӣ месозам.

— Ин қадар дандони филро аз куҷо меёбӣ?

— Аз ҳамсояам мегирам, ки вай доим аз пашша фил месозад.

„Мусаллас бар сар“

Як домуллои тақводор ба шогирдони худ таъин карда буд, ки ҳар вақте ки ман ба шумоён ягон чиз фармояму дар назди ман одами бегона бошад, ҳарфи аввали ҳамон чизро гиред, кифоя. Масалан, ош бошад, «о бар сарро овардам», бодиринг бошад, «бе бар сарро кучо монам?» — гӯед.

Рӯзе домулло ба як шогирдаш мусаллас фармуд. Вай дар рӯзи дигар мусалласро оварда дид, ки домулло машғули дарс буда, дар атрофи ӯ одамони бисьёре ҷамъ омадаанд. Вай таълими домуллоро ба хотир оварда, бо тавозеъ гуфт:

— Ҳазрати домулло, мусаллас бар сари таъин кардаатонро овардам, дар кучо монам?

„Оё қассоб ҳам бо гов чӯра мешавад?“

Фузайл ном касе буд, ки мувофиқи афъолаш ба ӯ «гов» лақаб дода, ҳамеша «Фузайли гов» гуфта ҷеғ мезаданд.

Рӯзе аз рӯзҳо якчанд нафар ба сайри боғ мерафтанд. Дар ин дам «Фузайли гов» аз ҷамоат канда шуда, хеле дер монд ва дигарон ба ӯ чандин муддат интизорӣ кашиданд. Фузайл баъд аз соате расида омад. Улфатҳояш аз ӯ пурсиданд:

— Барои чӣ ин қадар дер мондед?

— Дар роҳ як қассоб ҷӯраамро дида, гап-гап кардам.

— Аҷаб кори ғалатӣ,— гуфт яке.— Оё қассоб ҳам бо гов ҷӯра мешавад?

„Ба сарам фурӯ рафтааст“

Як инженери бинокор аз хобаш тарсида хест.

— Барои чӣ ин қадар бо доду фарьёд бедор шудед? — пурсид занаш.

— Хоб бинам, ки,— гуфт ӯ дар ҷавоб,— аз иморатҳои худам сохтагӣ ба ман хона додаанду бом ба сарам фурӯ рафтааст.

Бо забони ҳол

Директори устохонаи пойафзолдӯзӣ ба ошноаш худро ситоиш кард:

— Ба ман қоил шавед, ки рӯзе дусад килограмм мех ва сад килограмм ширешро сарфа мекунам.

— Рост мегӯед,— гуфт ошноаш туфлии даридаи худро нишон дода,— дар ин хусус туфлии ман бо забони ҳол гувоҳӣ дода истодааст.

„Дучор шудам“

Талаба аз муаллими чаламуллои худ пурсид:

— Муаллим, «во хӯрдам» нависем дуруст аст ё «вохӯрдам»?

— Беҳтараш, «дучор шудам» нависе.

„Ба ман тӯҳмат мекунад“

Гурге ариза дар даст шитобон мерафт. Хирсе ӯро дар сари роҳ нигоҳ дошт:

— Ҳа, гург-ҷӯра, мондаҳо, ба куҷо?

— Барои шикоят ба район.

— Боз чӣ алам гузашт?

— Корд ба устухон расид! То кай мудири ферма гусфандҳоро худаш хӯрда, ба ман тӯҳмат мекунад!

„Вай соли гузашта буд“

Якӯми январь шахсе ба ҷӯрааш зани худро нишон дод:

— Бо зани ман шинос шавед.

— Ба хаёлам, дирӯз занатон дигар будку?

— Нодон, вай соли гузашта буд!

„Ман ба тартиб ҷавобгарам“

— Амак,— гуфт шахсе ба милиционер,— дар маҳаллаи мо бетартибии калон рӯй дод.

— Бирав паси кори худ, ман ба тартиб ҷавобгарам, на ба бетартибӣ.

Бас

— Ба фикри шумо овози ин ҳофиз чӣ гуна аст? — пурсид касе дар вақти концерт аз Афандӣ.

Вай гуфт:

— Ба фикри ман: бас!

Дили одаткарда балои ҷон

— Аз барои чӣ занатон ба пиёлаҳо ним-ним чой мерезад? — савол дод меҳмон ба мизбон.

— Дили одаткарда балои ҷон гуфтаанд. Худат медонӣ, ки вай дар буфети ресторан кор мекунад.

„Наметавонам“

— Духтарам, хӯрокро хӯрдӣ, косаву табақҳоро шӯй.

— Наметавонам. Мо дар мактаб ҳанӯз ин дарсро нагузаштаем.

Меҳмон омада истодааст

Мурғу хурӯсҳо машинаеро дида, якбора ба болои дарахт баромаданд. Мурғобӣ аз ин ҳолат дар ҳайрат монда пурсид:

— Чӣ шуд, ки рӯзона ҳамаатон ба болои дарахт баромада гирифтаед?

— Намебинӣ, ки ба хонаи раис меҳмон омада истодааст?

„Андаке сабр кунед“

— Станцияи электрикии қишлоқи шумо дар куҷост?

— Андаке сабр кунед, моҳ барояд, нишон медиҳам.

Бӯи собун

— Аз хӯрок бӯи собун меояд,— шикоят карданд хӯрандаҳо.

— Ошхонаи мо як сол боз рӯи собунро надидаасту шумо чӣ сафсата гуфта истодед! — ҷавоб дод ходима.

„Уштур барояд?“

— Ҳой, ошпаз амак, аз даруни шӯрбо пашша баромад,— даъво кард шахсе.

— Ҳа, ба ду тангаатон уштур барояд?!

Роҳи шашмоҳа

— Падар! Аз ин ҷо то маркази район чӣ қадар роҳ? — пурсид як роҳгузар аз қаровули совети қишлоқ.

— Шашмоҳа роҳ.

— Наход ҳамин қадар дур бошад?

— Рост. Шаш моҳ аст, ки аз район ба ин ҷо касе наомадааст.

„Як фол бинед“

Ҷавонмарде ба назди дуохон омад.

— Хӯш, чӣ ҳизмат, писарам?

— Як фол бинед, маро дар сафи комсомол мемонанд ва ё «хурофотпараст» гуфта пеш мекунанд?

„Балет маъқулу...“

Ду нафар дар театр нишаста балетро тамошо мекарданд. Дар ин вақт яке аз дигаре пурсид:

— Ба шумо балет маъқул?

— Балет маъқулу агар дар байнаш як-ду ашӯла мехонданд, боз беҳтар буд.

„Барои чӣ“

— Муфаттиш имрӯз барои чӣ ба ҷои велосипед бо машинаи боркаш савор шуда омадааст? — пурсид як колхозчӣ аз рафиқаш.

— Барои он ки харбузаву тарбуз ва бузу гӯсфанд ба велосипед намеғунҷад, — ҷавоб дод рафиқаш.

„Рангаш дигар мешавад“

— Ранги шоҳиатон ба ман маъқул не, — гуфт харидор.

— Парво накарда гирифтан гиред, — гуфт шоҳифурӯш. — Як бор ба тағора дарояд, рангаш дигар мешавад.

„Нон аз хамир мешавад“

— Нонатон хамир-ку? — пурсид соҳибдиле аз нонвой.

— Ҳа, нон аз хамир нашуда, аз чӣ мешавад? — ҷавоб дод нонвой.

„Аз зал баромада наравад“

Дар як ҷамъомад қариб ҳамаи иштирокчиёни маҷлисро ба раёсати маҷлис интихоб намуданд.

— Аз чӣ сабаб ғайр аз мову ту дигар ҳама ба раёсат интихоб шуд? — гуфт як иштирокчии маҷлис.

— То ки дар нисфи маърӯза ҳама аз зал баромада наравад, — гуфт шарикаш.

Дар арафаи соли нав

Мудири идора Фармонбеков 31 декабрь котибаашро даъват карда амр дод:

— Ба Комилов як танбеҳ нависед!

— Вай бе ин ҳам 10—12 танбеҳ дорад-ку?

— Зарар надорад! дар Соли Нав боз аз аввал сар мекунем.

„Мо қаймоқу чуғрот мехӯрем“

Модагови лоғаре ба мудири ферма даъво кард:

— Ин чӣ бедодӣ, ки шири маро кайф карда мехӯреду худамро намепоед?

— Тӯҳмат накун! — дӯғ зад мудири ферма, — мо шир не, қаймоқу чуғрот мехӯрем!

Чор сол пеш

— Ӯҳдадории соли ҷориро хондед? — пурсиданд аз раиси комитети маҳаллии иттифоқи касаба.

— Парво накарда ба девор овехтан гиред, чор сол пеш аз ин хонда будам.

Одами ноёфт

— Сардори идораамон одами хеле ноёфт-куя.

— Нағз, гӯед?

— Не, он касро ҳеҷ вақт аз идора кофта намеёбед.

Боз меояд

— Ҳой-ҳой! Аз барои чӣ бо дастурламалҳои оид ба тайёрии зимистон печкаро метафсонед?

— Ғам нахӯред, худи ҳамин рӯз боз як аробаи дигар меояд.

„Минбаъд „Аниф“ гӯяд-дия“

Муллои манқае дар мактаби кӯҳна дарс медодааст ва «алиф»-ро «аниф» талаффуз мекардааст. Вай аз талабае пурсидааст:

— Аниф гӯй!

— Аниф,— ҷавоб додааст талаба.

Мактабдор аз ин ба ғазаб омада, ӯро бо адабчӯб задааст. Падари бача аз воқеа бохабар шуда, сабаби онро фаҳмиданӣ шудааст.

— Писари шумо «аниф» гуфта наметавонад, — шикоят кардааст муллои мактабдор.

— Канӣ, писарам, алиф гӯй-чӣ,— гуфтааст падари бача.

— Алиф! — ҷавоб додааст ӯ.

— Домулло, дуруст талаффуз мекунадку? — ба мактабдор мурочиат намудааст падари бача.

— Ҳа, акнун гап дигар, — гуфтааст домулло, — минбаъд «аниф» не, «аниф» гӯяд-дия.

Худкардаро даво нест

Шахсе дар хоб бо шайтон мулоқот карда, як тарсакӣ ба рӯи ӯ зад ва ришашро канда гирифта гуфт:

— Эй малъун! Ту душмани мо ҳастӣ ва барои фиреб додани мо, одамон, риши дароз мондай!

Чун тарсакии дигар ба рӯи ӯ зад, бедор шуд ва риши худро дар дасти худ дид.

„Оё мумкин аст?“

Дар Испания духтур ба беморе, ки бо дарди дандон ба назди ӯ омада буд, гуфт:

— Даҳонатонро калон кушоед!

— Ҷаноби духтур, — гуфт бемор бо ваҳм, — ба шумо чӣ шуд? Оё дар ин мамлакат озодона даҳон кушодан мумкин аст?

Аз рӯи эҳтиёт

— Сардорат як маротиба атса доду чаро ту се маротиба «саломат бошед!» гуфтӣ?

— Охир, пагоҳ рӯзи истироҳат,— гуфт Хушомадхӯҷа,— мумкин аст дар хонаашон боз як чанд бор атса диҳанду ман бехабар монам.

„Комиссия меомадааст“

Колхозчизане ба дугонааш гуфт:

— Имрӯз ба колхози мо комиссия меомадааст.

— Аз куҷо медонӣ?

— Намебинӣ, ки занони раис, бригадир ва бухгалтер ба кор баромадаанд.

„Дарси меҳнат“

Мудири як мактаб бачаҳоро ғайриқонунӣ дар иморати хонаи худ кор мефармуд. Падари яке аз бачаҳо аз мудир савол кард:

— Барои чӣ бачаҳоро имрӯз нахононда, кор мефармоед?

— Мебахшед, ман бо онҳо дарси меҳнат мегузаронам.

„Ба куҷо рафтанд?“

— Ҳамсоя, додои Савлатҷон бо ҷомадон ба куҷо рафтанд?

— Ба курорт.

— Кай меоянд?

— Баъд аз гузаштани хатнасури писарашон.

Дӯстон оинаи якдигаранд

Ду нафар танбал дар лаби ҷӯй роҳат карда мехобиданд. Яке шикамашро молида гуфт:

— Мирчатоқ, ман-ку «касал шудам» гуфта баҳона мекунам, ту, каллаварам, чӣ мегуфта бошӣ?

— Ман акси калла ба шӯрбо зад—мегӯям.

„Ғубори диламро барорам“

Саттор-зоғча тӯрҳои бедонаашро бардошта аз кӯчаи паҳлӯи пахтазор мегузашт. Занаш аз ӯ пурсид:

— Ҳой мардак, боз ба куҷо меравед?
— Ту дар саҳро дар ҳавои тоза кайф карда мегардӣ. Дар хона аз бекорӣ дилакам буғз кард. Ба чойхона рафта чорта ғубори диламро барорам.

Доруи хоб

Ҳамшираи тиббӣ шабона дар айни хоби ширин беморро бедор кард:
— Ҳой, хобатон сахт бурдагӣ-мӣ?
— Ҳа, чӣ буд?
— Доруи хоб доданӣ будам.

Ҳамсоябозӣ

Як писарчаю духтарча кафгиру қошуқро ба сари якдигар зада, талош ва мағали бисьёре мекарданд.
— Ин чӣ моҷаро? — пурсид модарашон.
— Модарҷон, бозӣ карда истодаем.
— Чӣ хел бозӣ?
— Ҳамсоябозӣ.

„Майда карда медиҳам“

Гадое ба роҳгузар мурочиат кард:
— Илоҳӣ барака ёбед, ба мани бенаво ягон чиз садақа кунед.

Роҳгузар ҷайбашро кофта гуфт:

— Маъзур доред, пули майда надорам: ҳамааш садсӯмӣ.

— Зарар надорад, — гуфт гадо ҳамьёнашро бароварда.— Садсӯмиро бароред, худам майда карда медиҳам.

Таклифи нав

Дар як идора хеле бисьёр маҷлис мекарданд, ки ин ба кор зарбаи калон мерасонд. Дар маҷлиси навбатӣ садри маҷлис аз ҳозирон пурсид:

— Боз чӣ хел таклифҳо ҳаст?

— Шаб маҷлис, рӯз маҷлис, пагоҳӣ маҷлис, бегоҳӣ маҷлис. Маҷлис тоза ҳам ба диламон зад. Таклиф мекунем, ки ба муносибати як соат кам карда шудани рӯзи кор маҷлисҳо ҳам як-ду соат кам карда шаванд.

Бисьёртар пиёда гардед

Сардори шӯъбаи физкультура ва спорти як район, ки бениҳоят фарбеҳ ва ғафс буд, ба назди духтур рафта шикоят кард:

— Хеле ғафс шуда истодаам, барои лоғар шудан чӣ бояд кард?

— Бисьёртар пиёда гардед, даву тоз кунед.

— Ман пиёда гардам, даву тоз кунам, бо физкультура ва спорт кӣ машғул мешавад?

Қозӣ ҳам хонда наметавонад

Мушфиқӣ қаламу коғаз гирифта ба рӯи коғаз чала-чулпа қалам медавонд. Шахсе аз вай пурсид:

— Чӣ кор мекунед?

— Дида истодӣ, ки мактуб менависам.

— Ба кӣ?

— Ба сардори идораамон.

— Савод надориву чӣ хел мактуб менависӣ?

— Ғам нахӯред, он кас ҳам хонда ва навишта наметавонанд.

„Аввал аз қурбоққа пурсед“

Подшоҳ Мушфиқиро тарсониданӣ буд, аммо ҳеҷ имконият ёфта наметавонист.

Рӯзе подшоҳ азми шикор кард, аммо пагоҳии ҳамон рӯз осмонро абр фаро гирифту шамоли сахте бархост. Навкарони шоҳ хабар оварданд, ки Мушфиқӣ қурбоққаро аз пояш ба дарахт овехтааст ва ин сабаби шамол шудааст. Мушфиқиро назди шоҳ

овардаанд. Шоҳ ба Мушфиқӣ хитоб кардааст:

— Эй бераҳм, чаро қурбоққаро овехта, шамолро хезондӣ?

— Эй шоҳи одил,— гуфтааст вай дар ҷавоб, — аз қурбоққа пурсед, ки чаро вай ба сатили ман даромадааст.

Подшоҳ аз аввала зиёдтар хашмгин шуда гуфтааст:

— Кадом аҳмақ аз қурбоққа гап пурсидааст?

Мушфиқӣ ҷавоб додааст:

— Набошад, кадом аҳмақ бовар кардааст, ки аз овехтани қурбоққа шамол мехестааст?

Шамол ҳам хунук мехӯрад?

Маҳмудҷон аз модараш пурсид:

— Очаҷон, шамол ҳам хунук мехӯрад?

— Не, хунук намехӯрад.

— Набошад, барои чӣ дарро кушоем, давида ба хонаи гарм медарояд?

Баъд аз бист сол

— Дадаҷон, шумо аз ман чанд сол калон?

— Бист сол, писарам.

— Ман баъд аз бист сол бо шумо баробар мешавам-а?

Машинаи гапнодаро

Лолахони панҷсола дар кӯча троллейбусро аввалин бор дида, аз модараш пурсид:

— Оча, ин машина гапнодаро будааст, ки бо сим баста мондаанд?

Зинда мебарояд ё не

Як бача фильми «Чапаев»-ро чордаҳ бор дидааст.

— Барои чӣ ин фильмро ин қадар бисьёр дидӣ? — пурсидааст муаллим аз ӯ.

— То ягон бор бубинам, ки вай баъди тирборони душманон ба он тарафи соҳил зинда мебарояд ё не.

Хунук дасту пой дорад?

— Ба кӯча набаро, ки хунук мезанад!
— Хунук ҳам дасту пой дорад?

Моҳона

— Дадаҷон, моҳонаро аз куҷо мегиред?
— Аз идора.
— Не, аз идора не, аз моҳ мегиред...

Иваз мекунем

Модари Толибҷон аз таваллудхона бо духтарчаи навзодаш ба хона баргашт. Толибҷон аз модараш пурсид:

— Ин духтарчаро аз куҷо гирифтед?

— Аз магазин, писарам, — шӯхиомез гуфт модар.

— Биёед, ба магазин бурда медиҳем.

— Барои чӣ, Толибҷон?

— Ба писараш иваз мекунем.

ЗАРБУЛ:
МАСАЛҲОИ
ҚАДИМА
ВА
МАҚОЛ:
ҲОИ
ТОЗА



*

Аз бекор ҳама безор,
Ҷои бекор дар бозор.

*

Ангур ангура дида чумак мезанад,
Савдогар магазинчиро дида чашмак
мезанад.

*

Ангура хӯру боға напурс,
Курта хару доға напурс.

*

Аз рафиқи номуносиб гарди носам
беҳтар аст,
Аз тӯраи коғазбоз чанги палосам беҳтар
аст.

*

Асои пир ба ҷои пир,
Сад навкар кам ба як мудир.

*

Гов мурад ҳам, алогии чашмаш намеравад,
Хушомадгӯй шал шавад, бо сараш медавад!

*

Гул хор дорад, занбӯр асал,
Зани раис доим касал.

*

Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад,
Завхоз ака арақ нӯшад.

*

Дар пеши бача ҳавлӣ магӯй, ки дилаш
ҳалво металабад,
Дар пеши ришвахӯр пору магӯй, ки
дилаш пора металабад.

*

Ба хонаи норӯфта меҳмон меояд,
Ба хонаи тарсончак дузд медарояд.

Беша бе шер нест, дарьё бе моҳӣ,
Аз таги пештахта ҷӯй, гар моли хуб
мехоҳӣ.

*

— Духтар чӣ гуна?
— Модар намуна.

*

— Адиб чӣ гуна?
— Асар намуна.

*

Ёрӣ-ёрист, ҳисоб-ҳисоб,
Моли ферма надорад ҳисобу китоб.

*

Ҳамал — ҳама дар амал,
Мудири комхоз доим беамал.

*

Он чи дар дил аст, ба забон меояд,
На ҳар он чи дар анбор аст, ба дӯкон меояд.

*

То шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад,
То хушомадгӯй набошад, деги тӯра намеҷӯшад.

*

Барои як ҳикоят сад шикоят,
Барои як шикоят сад ривоят.

*

Подабон бисьёр шавад, подаро гург мехӯрад,
Намоянда бисьёр шавад, пахтаро мол мехӯрад.

*

Нони серӯза, гӯшти ҳаррӯза,
Айши ҳаррӯза, акти нимрӯза

*

Мулло шудан осон,
Инсон шудан мушкил.

*

Осиё соз мешавад баъд аз навбати мо,
Магазин боз мешавад баъд аз адои молҳо.

*

Дароза мону кӯтоҳа бур,
Кора мону палава хӯр.

*

Кори халқ — кори ҳақ
Кори ҳақ — кори халқ.

ДАР ОМАДИ ГАП





Бо чапакзанӣ план иҷро намешавад.

*

Ба умеди мошин машав, пиёда дав.

*

— Чойро хушк нахӯред, меҳмон.
— Ҳа, ба об тар карда хӯрам?

*

— Писарам, имшаб чӣ хоб дидӣ?
— Чашмамро маҳкам пӯшида хоб кардам, ҳеҷ чиз надидам.

*

Асар як ваҷаб, тақриз сад ваҷаб.

*

Касе ки худро нашинохт, дӯсту душмани худро нашиносад.

*

— Илмам тамом шуд.
— Чӣ шуд?
— Ба беилмҳо додам.

*

На ҳар бӯса аломати муҳаббат аст.

*

Дуои мулло баракаи ҳамьёнро мепаронад.

*

— Маҷлиси бетанқид ҳам мешавад?
— Оре, маҷлиси мунаққидон.

*

Сукут на ҳамеша аломати ризост.

*

Хубии ин пьеса дар он аст, ки хоб меоварад.

*

Китоб хонандаро не, балки хонанда китобро ковад.

*

Пурсида-пурсида илмро ёфтаанд

*

Беҳунар пургӯй мешавад.

*

Соат хоб кунад ҳам, вақт гузаштан мегирад.

*

Дар вақти истироҳат ҳам шоҳмотбозӣ кардан мумкин аст.

*

Шӯрии шӯрмоҳӣ аз шӯрии оби баҳр нест.

*

Аз шӯр хӯрдан банамак намешавӣ.

*

— Рафиқон, маҷлиси пӯшидаро пӯшида эълон мекунам!

*

Ақли солимро дузд намебарад.

*

Ақлро бо ваҷаб чен намекунанд.

*

— Хушомадгӯй чӣ кас аст?
— Кас нест, сояи хушомадҷӯй аст.

*

Чӯча толеъ медошт, модараш пистон мекард.

*

Барои кар опера аз балет фарқ надорад.

*

Муомилаи ғайри маданӣ дар магазини молҳои маданӣ.

*

Бачаҳо ба бозӣ, очаҳо ба қозибозӣ.

*

Агар худро гум кунӣ, туро касе нахоҳад ҷуст.

*

Дар ҳушьёрхона ғаҷриба иваз намекунанд.

*

Китоби бисьёр доштан ҳанӯз аломати доноӣ нест, агар он тавр мебуд, ҷевони китоб аз ҳама донотар мешуд.

*

Ҷинс бо ҷинсу ноҷинс бо ноҷинс ошноӣ мекунад.

*

Роҳи дарозтарини шаҳри мо роҳи устохонаи либосдӯзӣ ва либостозакунист.

*

Гӯшт хӯрдан хоҳӣ, котлет махӯр.

*

Фил ҳарчанд бузург аст, ҳайвони ваҳшӣ аст.

*

Фалонӣ аз иқрор шудан ба хатоҳояш наметарсад, зеро онро ягон бор ислоҳ намекунад.

*

Рассоми беҳунар суратро бо ранги ширанок кашида буд, бинобар он рӯи суратро магас пахш кард.

*

Пӯстиндӯз ҳам ба ҳаммом луч медарояд.

*

— Ба касе ки муттасил аз дигар китобҳо рӯбардор мекунад, чӣ гуфтан лозим аст?
— Дузд бош, боинсоф бош!

*

— Обрӯй гавҳари ноёб аст, онро бо нӯки сӯзан ёфта, бо панҷшоха бод накун!

*

Доду фарьёд ва дашноми болохонадори кондукторро шунидан нахоҳӣ, ба автобуси бекондуктор савор шав.

*

Бӯса ба ҳеҷ забон тарҷима намешавад.

*

Гови сиёҳ ҳам шири сафед медиҳад.

*

— Кадом рӯзҳо ба ту маъқул?
— Миёна ва охири моҳ.
— Чаро?
— Дар ин рӯзҳо маош мегирам.

*

Ба бюрократе духтур гуфт:

— Шумо бояд имрӯз ванна қабул кунед.

— Қабул намекунам! Гӯед, фардо биёяд!

*

Калимаи «нодон» аз ду тараф ҳам «нодон» хонда мешавад.

*

Бадиро бад бояд дид, ки аз бадӣ танҳо бадӣ рӯяд.

*

Аз кассир боқимондаи пулро талаб накун, ки меранҷад.

*

Газета шабона барояд ҳам, рӯзнома менамонд.

*

Гап гӯй қанор-қанор,
Кор гӯй мурдаи таппа-тайёр.

*

Саг ва гург, ки иттифоқ бастанд, хонаи рамабон месӯзад.

*

Моли аз дузд боқимондаро фолбин мебарад.

*

Ба мансаб расӣ, ёру ошноят бисьёр мешавад.

Дастро ба ҷанг не, ба кор боло кун.

*

Кисаи пурро дузд мебарад, вале майнаи пурро дузд бурда наметавонад.

*

Муомилаи хуб бозор надорад.

*

Радио кашфиёти беназир аст ба шарте, ки гунг набошад.

*

Официантка аз хӯрандаҳо чунон бисьёр чойпулӣ гирифт, ки ҳатто аз арақу коньяк ҳам зиёдатӣ мекунад.

*

— Барои касе ки шиновар нест, ба назараш тағора баҳри азим менамояд.

И Ҳусаин ҳом
Ахмиддин ҳом
Ҳазмиддин ҳом
Фарзона ҳом

— Ваъдаҳои кӯҳиро чй кор мекунед?

— Мо кӯҳнапараст нестем: онҳоро нав мекунем.

Чала

Трактористе ба хонааш омада, ба занаш, ки сӯзанй медӯхт, эрод гирифт:

— Азизам, чалакориро аз кй ёд гирифтй, ки бисьёр гулҳои сӯзаниро партофта рафтай?

— Аз шумо, дадеш. Худи шумо ҳам дар вақти шудгори замин ин ҷо ва он ҷоиро ҳамеша партофта мераведд.

Илочи вокеа

— Дадеш, телевизор нахарида устоиро чег задед?

— Илочи вокеа кабл аз вуқӯъ боид кард: то онадани усто телевизорамон як чанд бор вайрон нешавад-дия.

Гузашта наметавонад

— Раис ака, ба кишлоқи мо аз идораи бозо комиссия меомадаст.

— Ғам нахӯред, онҳо наметавонад ва

агар ояд ҳам, аз пули вайрона ва кӯчаҳои пасту баланди лойдон гузашта наметавонад.

Вақт надорам

— Акои мудир, чаро доим дар вақти кор шоҳмотбозӣ мекунед?

— Чунки баъди кор вақт надорам.

Барои фаҳмидан

Як бача ба болои дарахт баромад.

— Ҳой бача, дар лавҳаи болои дарахт чӣ навишта шудааст?

— Навишта шудааст, ки «Ба болои дарахт баромадан мумкин нест!»

— Пас барои чӣ баромадӣ?

— Барои фаҳмидани ҳамин гап.

Нисфи умр

— Мегӯянд, ки 7—8 соли умри одам ба таомхӯрӣ мегузарад. Оё ин рост аст? — пурсид як коркуни идора аз Афандӣ.

— Эй писарам, агар дар ошхонаи назди идораи мо бошад, ҳамаи умри одам мегузарад.

— Ваъдаҳои кӯҳнаро чӣ кор мекунед?

— Мо кӯҳнапараст нестем: онҳоро нав мекунем.

Чала

Тракторчие ба хонааш омада, ба занаш, ки сӯзанӣ медӯхт, эрод гирифт:

— Азизам, чалакориро аз кӣ ёд гирифтӣ, ки бисьёр гулҳои сӯзаниро партофта рафтаӣ?

— Аз шумо, дадеш. Худи шумо ҳам дар вақти шудгори замин ин ҷо ва он ҷояшро ҳамеша партофта меравед.

Илоҷи воқеа

— Дадеш, телевизор нахарида устояшро ҷеғ задед?

— Илоҷи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард: то омадани усто телевизорамон як чанд бор вайрон мешавад-дия.

Гузашта наметавонад

— Раис ака, ба қишлоқи мо аз идораи боло комиссия меомадааст.

— Ғам нахӯред, омада наметавонад ва

агар ояд ҳам, аз пули вайрона ва кӯчаҳои пасту баланди лойдон гузашта наметавонад.

Вақт надорам

— Акои мудир, чаро доим дар вақти кор шоҳмотбозӣ мекунед?

— Чунки баъди кор вақт надорам.

Барои фаҳмидан

Як бача ба болои дарахт баромад.

— Ҳой бача, дар лавҳаи болои дарахт чӣ навишта шудааст?

— Навишта шудааст, ки «Ба болои дарахт баромадан мумкин нест!»

— Пас барои чӣ баромадӣ?

— Барои фаҳмидани ҳамин гап.

Нисфи умр

— Мегӯянд, ки 7—8 соли умри одам ба таомхӯрӣ мегузарад. Оё ин рост аст? — пурсид як коркуни идора аз Афандӣ.

— Эй писарам, агар дар ошхонаи назди идораи мо бошад, ҳамаи умри одам мегузарад.